**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи илмии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи "Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Рисолаи диссертатсионии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна ба яке аз проблемаҳои махсусан муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ, яъне зӯроварӣ дар оила бахшида шудааст. Тавре муаллифи диссертатсия зикр мекунад, зӯроварӣ дар оила падидаи нав набуда, аз таърих дар ҷомеаи ҷаҳонӣ вуҷуд дошт. Аммо дар замони муосир ҳамчун мушкилоти глобалӣ пазируфта шуда, масъалаи коҳиш додан ва ё нест намудани онро аксарият давлатҳо мавриди омӯзишу таҳлил қарор додаанд. Аслан, зӯроварӣ дар оила хусусияти инкишофёбиро дорад, ки ин раванд ба дарки таркиби он аз ҷониби ҷомеаи муосир ва аъзоёни оила вобастагӣ дорад. Дар ин раванд бояд гуфт, ки ҷузъи таркибии ин зуҳуротро оила ташкил медиҳад. Зеро оила сарчашмаи аксарияти муносибатҳои ҳуқуқии дар ҷомеа пайдошаванда буда, аз он пешравии ҷомеа ва давлат вобастагии калон дорад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 иброз доштанд: «...ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад...». Муттаҳидӣ ва эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектон дар оила аз ҷониби якдигарӣ метавонад сабаби коҳиш ёфтани шумораи аксарияти ҷиноятҳои содиршаванда гардад. Барои ташкили оилаи солим ва мустаҳкамии он аъзоёни оила бояд дарк намоянд, ки раванди пайдоиши мушкилоти оилавӣ хусусияти хос дорад ва дарки эҳтироми ҳуқуқҳои тарафайн нуқтаи асосии ҳалли масъалаҳои дар оила пайдошаванда мебошад.

Тавре аз диссертатсия мушоҳида мегардад, зӯроварӣ дар оила бо сабабҳои гуногун аз қабили: хусусияти иҷтимоию фарҳангӣ доштани он,

вазъи номукаммал ва нокифояи молиявии оила, ҳолати рӯҳии яке аз аъзоёни оила, вазъи оҷизии аъзои оила, таассуби динӣ, ки натиҷаи дарки нодурусти меъёрҳои динию ахлоқӣ мебошанд, надоштани маърифати оилавӣ ва надонистани ҳуқуқ ва меъёрҳои қонунии дахлдор содир мегардад. Дар шароити муосир масъалаҳои ҳал намудани сабабҳои зикргардида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои бартарафнамоии онҳо низ ҳам ба ҷомеа ва ҳам ба давлат аҳаммияти муҳим дорад.

Ғафорова Шаҳноза навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро дар рисола ба таври мушаххас ва сода баён намуда, илман асоснок намудааст. Ҷиҳати фарқкунандаи диссертатсияи ҳимояшаванда дар он аст, ки аксарияти мафҳумҳо аз ҷониби унвонҷӯ муайян карда шуда, аз ҷониби муаллиф таъриф дода шудаанд. Аксарияти навгониҳои диссертатсия дар илми криминологияи Тоҷикистон нав буда, лоиқи дастгирӣ мебошанд. Ҷиҳати мусбии кор дар он низ мушоҳида мешавад, ки ба як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузории амалкунанда пешниҳодҳо ироа шудаанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола баъзе норасоиҳо низ ба чашм мерасанд. Яке аз проблемаҳои мубрам дар самти муқовимат бо зӯроварии оилавӣ ин мукаммалгардонии қонунгузории соҳавӣ ба ҳисоб меравад. Дар рисола ва автореферат пешниҳод гардидааст, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»–ро аз нав таҳия ва қабул кардан зарур аст, ки ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқиро аз зӯроварӣ дар оила танзим намуда, асосҳои сиёсати пешгирифтаи ҷумҳуриро дар ин самт дар як санад муқаррар намояд. Хуб мешуд, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия дар замима лоиҳаи қонун дар самти мубориза ба муқобили зуроварӣ дар оила пешниҳод карда мешуд. Албатта, ин эрод хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмуни авторефератро коҳиш намедиҳад.

Автореферати рисолаи диссертатсионии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи: “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар

оила ва роҳҳои пешгирии он” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини аввал, муовини директори иҷроия
оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои
байналмилалии филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе А.М. Диноршоҳ

Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназаров

ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

26.11.23

Суроға: 734003 шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел.: (+992 37) 221 99 41